НУСХА
аз протоколи № 6
маҷлиси ғайринавбатии кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқ

аз 21.12.2024 Душанбе, 2024

Иштирок карданд: мудири кафедра профессор Азиззода У.А., профессор Шарофзода Р.Ш., профессор Насриддинзода Э.С., д.и.ҳ., дотсент Ализода З. д.и.ҳ., дотсент Камолзода И.И., дотсентон Куканов А.З., Шарифзода С.Ш., Шодиён И.Р., Иброҳимзода Д.К., н.и.ҳ., м/к Мирзозода Ф., Азимова З.М., ассистентон Розиқзода Д.З., Пирова Г.С., ва лаборанти кафедра Бухориева А.Н.

**Рӯзномаи маҷлис:**

**1. Муҳокимаи рисолаи доктории докторанти кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқ Сафарбекзода Ҳукмиддин Сафарбек дар мавзӯи «Сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ ҳамчун заминаи рушди устувори Ҷумҳурии Тоҷикистон: проблемаҳои назария ва амалия» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат.**

Доир ба масъалаи мазкур мудири кафедра, профессор Азиззода У.А. ба маълумоти ҳозирин расонид, ки муҳокимаи диссертатсияи докторанти кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқ Сафарбекзода Ҳукмиддин Сафарбек дар мавзӯи «Сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ ҳамчун заминаи рушди устувори Ҷумҳурии Тоҷикистон: проблемаҳои назария ва амалия» мушовири илмӣ Шарофзода Р.Ш. дар ин маҷлис пешбинӣ шудааст. Зикр карда шуд, ки докторант Сафарбекзода Ҳ.С. аз соли 2018 таҳти мушовирии профессор Шарофзода Р.Ш. таҳқиқоти илмӣ бурда истодааст.

Барои баёни мухтасари мубрамият, нуқтаҳои асосӣ ва мазмуни рисола сухан ба докторант Сафарбекзода Ҳ.С. дода шуд. Баъди баромади Сафарбекзода Ҳ.С. аз ҷониби устодони кафедра ба ӯ саволҳо дода шуд, ки ба ҳамаи саволҳо ҷавобҳои қаноатбахш гардонид.

Доир ба диссертатсияи номбурда устодони кафедра профессорон Азиззода У.А., Шарофзода Р.Ш. ва дотсентон Куканов А.З., Шодиён И.Р., Шарифзода С.Ш. баромад намуда, нисбати диссертатсия баъзе фикру андешаҳои худро иброз намуда, пешниҳод намуданд, ки диссертатсия ба ҳимоя тавсия карда шавад.

Сипас сухан ба мушовири илмӣ доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор Шарофзода Р.Ш. дода шуд. Мавсуф қайд кард, ки диссертатсияи мазкур яке аз аввалин таҳқиқоти илмии сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ дар илми ҳуқуқшиносии Тоҷикистон буда, дар он таҳқиқоти комплексии назариявӣ-ҳуқуқӣ бо истифодаи натиҷаҳои илмҳои фалсафа, ҷомеашиносӣ, сиёсатшиносӣ, таърих, равоншиносӣ ва дигар бо дарназардошти алоқамандии заминаи рушди устувори сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ гузаронида мешавад. Дар умум қайд намуд, ки рисола кори илмии анҷомёфта мебошад ва барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат тавсия дода мешавад.

Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Насриддинзода Э.С. дар баромади худ қайд намуд, ки диссертатсияи мазкур бо мақсади таҳқиқоти ҳаматарафаи комплексии илмӣ-методологии таърихӣ-ҳуқуқӣ, назариявӣ-ҳуқуқӣ ва сиёсӣ-ҳуқуқии сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ ҳамчун заминаи рушди устувори Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб шудааст. Дар диссертатсия таваҷҷуҳи асосӣ ба самтҳои сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ дода шуда, сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ ҳамчун самти афзалиятноки сиёсати давлат таҳқиқ карда шудааст, чунки ба танзими ҳуқуқии муносибатҳои ҷамъиятӣ, таъмини қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ, пешгирии ихтилофоти ҳуқуқӣ, такмили низоми қонунгузорӣ ва рушди низоми ҳуқуқӣ мусоидат мекунад. Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ бо

дарназардошти афзалияти манфиатҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шудаанд. Бо дарназардошти гуфтаҳои боло пешниҳод менамоям, ки диссертатсияи Сафарбекзода Ҳ.С. дар мавзӯи «Сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ ҳамчун заминаи рушди устувори Ҷумҳурии Тоҷикистон: проблемаҳои назария ва амалия» ба ҳимоя тавсия карда шавад.

Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедра Ализода З. оид ба моҳияти рисолаи илмӣ ибрози назар намуда, қайд кард, ки таҳқиқоти илмӣ дар сатҳи баланд омода карда шудааст. Талаботҳои пешбининамудаи КОА оид ба навиштани рисолаи илмӣ аз ҷониби докторант пурра риоя карда шудааст. Аз ин рӯ, метавон онро рисолаи анҷомпазируфта эътироф намуд.

Дар охир доктори илмҳои ҳуқуқ Азиззода У.А. баромад намуда, қайд намуданд, ки таҳқиқоти назариявӣ-методологии сиёсати ҳуқуқэҷодкунии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун самти афзалиятноки сиёсати ҳуқуқӣ бо дарназардошти ҳадафҳои стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон, иттилоотӣ ва рақамигардонии ҷомеа ва боло бурдани фарҳанги ҳуқуқэҷодкунӣ ташкил медиҳад. Аз ҷумла, қайд кард, ки рисолаи илмии Сафарбекзод Ҳ.С. дар мавзӯи «Сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ ҳамчун заминаи рушди устувори Ҷумҳурии Тоҷикистон: проблемаҳои назария ва амалия» дар сатҳи хуби илмӣ навишта шудааст ва дар асоси хулосаҳои иброзшуда метавон онро ба ҳимоя барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат пешниҳод намуд.

Ҳамин тавр, аз рӯйи ҳолатҳои болозикр, **ҷаласа қарор кард:**

1. Диссертатсияи Сафарбекзода Ҳукмиддин Сафарбек дар мавзӯи «Сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ ҳамчун заминаи рушди устувори Ҷумҳурии Тоҷикистон: проблемаҳои назария ва амалия» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат кори таҳқиқотии анҷомёфта ҳисобида шуда, ба талаботҳои бандҳои 31 -37 Тартиби додани

дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 - юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, мутобиқат дорад.

2. Диссертатсияи мазкур ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА–018-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯй ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат тавсия карда шавад.

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи назария ва таърихи ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабул гардидааст.

Дар ҷаласа иштирок доштанд: 14 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: "тарафдор" - 14 нафар, "зид" - 0 нафар, "бетараф" - 0 нафар.

Суратмаҷлис аз 21 декабри соли 2024, № 6

Мудири кафедраи назария
ва таърихи давлат ва ҳуқуқи факултети
ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Азиззода У.А.

Котиби ҷаласа, лаборанти кафедра: Бухориева А.Н.

Имзоҳоро тасдиқ мекунам:
Сардори РК ва КМ ДМТ
«21» 12 с. 2024 Тавқиев Э. Ш.